

Имрӯз, 14-уми феврали соли равон  дар Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон вохӯрии Сардори Хадамоти гумрук Абдуфатохи Гоиб  бо Сафири  Чумхурии Исломии Покистон дар  Чумхурии Точикистон, чаноби  Тарик Икбол Сумро  баргузор гардид.

Зимни мулокоти расмӣ, чонибхо бо вазъи кунунии муносибатхои дӯстонаи  ду кишвари бо хам дӯст - Чумхурии Точикистон  ва Чумхурии Исломии Покистон дар бахши фаъолияти гумрукӣ, ки он дар асоси санадхои меъёрии хукукии ташкилотхои байналмилалӣ, аз чумла талаботи Созмони хамкорихои иктисодӣ, Хамкории иктисодии минтакавии Осиёи Марказӣ, Созмони умуичахонии гумрук ва Созмони умумичахонии савдо ба рох монда шудааст, ахамияти  махсус дода, масъалахои транзитӣ ва ситонидани пардохтхои гумрукиро мавриди баррасӣ карор доданд.



Сардори Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон Абдуфатохи Гоиб зимни баромади худ иброз дошт, ки Хадамоти гумрук чихати тахкими хамкорихои

гумрукӣ аз тамоми захираву имконоти мавчуда истифода бурда, заминаи густариши муносибатхои тичоратию иктисодиро байни Чумхурии Точикистон ва Чумхурии Исломии Покистон фарохам меоварад.

Инчунин, дар назар аст, лоихаи Созишномаи байнихукуматӣ оид ба хамкорихои гумрукӣ тахия гардида, тавассути роххои дипломатӣ ба Хукумати Чумхурии Исломии Покистон барои мувофика ирсол карда шавад.

Сафири Чумхурии Исломии Покистон дар Чумхурии Точикистон, чаноби Тарик Икбол Сумро дар навбати худ изхор дошт, ки барои самаранок ба рох мондани хамкорихои дучонибаи судманд дар доираи салохияти кориаш сайъ хохад намуд.

